# Бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ баргузор мегардад

Submitted by Ҳайати тадорукот on 2 October, 2025 - 17:15

[1]
3 октябр, соати 10:00 бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявии «Забон дар масири Истиқлол: мушкилот ва дурнамо» баргузор мегардад.
Ҳамоиш бо ибтикори Кумитаи забон ва истилоҳот баргузор шуда, дар он забоншиносон ва муҳаққиқони соҳа вобаста ба нақши забони давлатӣ мубодилаи афкор мекунанд.
Дар конференсия мавзуъҳои «Саҳми Пешвои миллат дар таҳкиму тақвияти забони тоҷикӣ дар мамлакат ва арсаи байналмилалӣ», «Нақши Истиқлоли давлатӣ дар масоили марбут ба рушду нигоҳдошти забони давлатӣ» ва «Аҳамияти забон дар ташаккули ҷомеа» ва дигар мавзуъҳо

муҳокима карда мешаванд.
Ёдовар мешавем, ки 5 октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Он дурнамои рушди забонро дар асоси меъёрҳои муқарраргардида дар иртибот ба вазъи ҳуқуқӣ, аз ҷумла меъёрҳои истифодаи дигар забонҳо дар шароити кунунии муносибатҳои дохилӣ ва хориҷии мамлакат танзим ва муқаррар менамояд.

**Content rating:** Select rating
Average: 5 (1 vote)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]
- Эълонҳо [3]

**Source URL:**https://kumitaizabon.tj/en/node/7177

**Links**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/558097418_122175468794462396_5166043515942933415_n.jpg [2] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/25